Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

19 январи соли 2002. Шанбе № 5 (12748)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.30 имзо гардид.

## Ба иштирокдорони маҷлиси мутантан бахшида ба 10-солагии созмон ёфтани Маркази байналмилалии фарҳанги ҷумҳурӣ

Ҳамватанони мӯҳтарам!

Дӯстони азиз!

Шумоён ва тамоми халқи бисёрмиллатаи Ӯзбекистонро бо даҳсолагии Маркази байналмилалии фарҳанги ҷумҳурӣ аз самими қалб муборакбод менамоям.

Рушди ҳар мамлакат, афзудани обрӯву эътибори он аз бисёр ҷиҳат ба он вобастагӣ дорад, ки то чӣ андоза сулҳу осоиш, мӯътадилӣ, ризоияти байнимиллӣ ва шаҳрвандӣ дар он мустаҳкам мебошад.

Ба шумоён муроҷиат карда, бо фахру ғурури махсус бори дигар зикр карданӣ ҳастам, ки мамлакати мо бисёр боигариҳоро соҳиб аст, вале аз ҳама боигарии калон, боигарии аз ҳама волои Ӯзбекистон сулҳу салоҳ, ризоияти миллӣ ва муҳити дӯстие мебошад, ки дар ҷамъияти мо ҳукм меронад.

Дар ин бора он чиз назаррас тасдиқ менамояд, ки имрӯз дар ҷумҳурият соҳиби ҳуқуқу имкониятҳои баробар шуда намояндагони беш аз сад миллату халқият ҳаёт ба сар бурда, дар таҳкими истиқлолияти давлатамон, барпо кардани ҳаёти озоду фаровон ҳиссаи муносиби худро мегузоранд.

Садаи бисёр дар сарзамини қадимаву муқаддаси Ӯзбекистон намояндагони мансуби фарҳангу тамаддуни мухталифи ба худ хос ҳаёт ба сар бурда, барои ба вуҷуд овардани фазилати ноёби халқамон мусоидат кардаанд, ки бо меҳру оқибат, сулҳпарварӣ, рӯшодгӯӣ, саховатпешагӣ мекунанд.

Ин фазилатҳои аҷиб, пеш аз ҳама таҳаммул, ки дар дунёи мураккабу ноором ниҳоят зарур аст, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт, дар пешрафти собитқадамонаамон дар роҳи сохтмони ҷамъияти демократӣ накши муҳиме мебозад.

Имрӯзҳо бештар дарк кардани ҳисси ватандӯстӣ моро пурқувват, дурбин ва эътимод ба худ мегардонад, чун бисёр авлодони халқамон ба мо кӯмак мерасонад, ки душвориҳоро якҷоя бартараф созем, ба таҳдидҳо ва даъватҳои айём дилпурона истодагарӣ намоем.

Ӯзбекистон давлати имкониятҳояш бузург, маъвои умумии мост. Сарватҳои онро мо эҳтиёту ҳифз ва ғанӣ сохта, бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки чизи асосӣ — ризоияти байнамон аст, он арзишҳои маънавиву аҳлоқиеро, ки асрҳои аср дар ҳар як халқ, дар ҳар як қавм инкишоф ёфта, ҳар яки моро, ки дар зери осмони ягонаи софи Ӯзбекистон ҳаёт ба сар мебарем ҳамдигарро ғанӣ месозем, чун гавҳараки чашм эҳтиёт намоем.

Бидуни ягон муболиға гуфтан мумкин аст, ки имрӯз тамоми шароиту имконияти зарурӣ баҳри рушд ва таҳкими марказҳои миллии фарҳангие, ки дар мамлакатамон арзи ҳастӣ мекунанду дар нигоҳ доштани ба худ хоси этникӣ, забон, урфу одат ва анъаноти ҳар як халқу миллат накши ҳалкунанда мебозанд, фароҳам оварда, бо ҳамин мо он таҳкурсиро бунёд мекунем ва ба вуҷуд меоварем, ки дар пойгоҳи сулҳу салоҳ ва осудаҳолии одамон, дилпурии онҳо ба ояндаи дурахшон қарор дорад.

Мӯътақид ҳастам, ки шумоён минбаъд низ ин кори хайру некатонро оиди таҳкими дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмии байни одамони мансуби миллату эътиқоди мухталиф собитқадамона идома медиҳед, ҳаёти одамонро боз ҳам бою сермазмун мегардонед.

Ҳисси Ватани ягона, ки ба мо аз ниёгон ҳамчун мероси муқаддас боқӣ мондааст, бигузор асрҳои аср ҳақиқати муқаддас барои авлоди оянда бошад.

Ба ҳамаи шумоён дар фаъолияти неку бекиёсатон ба хотири фаровонии халқ комёбиҳоро таманно дорам.

Ба ҳамаи шумоён, азизонам, тани сиҳҳати мустаҳкам, бахту саодат ва ҷомаи амал пӯшидани орзуҳоятонро дар соли нав таманно дорам.

**Ислом КАРИМОВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон.**

## Ӯзбекистон маъвои умумии мост

Дар мамлакати мо дар вазъи сулҳу осоиш, мӯътадилӣ, дӯстӣ ва ризоият, ҳамчун аъзои як оила намояндагони беш аз 130 миллату халқият ҳаёт ба сар мебаранд. Барои меҳнати озод, нигоҳ доштан ва рушди санъату фарҳанг, урфу одатҳои ба худ хосашон кулли шароит фароҳам оварда шудааст. Дар бобати нигоҳ доштани ба худ хоси этникии миллатҳои мухталиф, забон, урфу одат, анъаноти онҳо Маркази байналмилалии фарҳанги ҷумҳурӣ накши муҳим мебозад.

Имрӯзҳо даҳсолагии созмон ёфтани маркази мазкур васеъ қайд мегардад. Дар Қасри Дӯстии халқҳо маҷлиси мутантан бахшида ба ин сана ба амал омад.

Муборакбодии Президенти мамлакат Ислом Каримовро ба унвони иштирокдорони маҷлиси мутантан бахшида ба 10-солагии созмон ёфтани Маркази байналмилалии фарҳанги ҷумҳурӣ ҷонишини Нахуствазир Ҳ.Кароматов хонда дод.

Мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба муносибати даҳсолагии созмон ёфтани Маркази байналмилалии фарҳанги ҷумҳурӣ гурӯҳи фаъолони марказҳои миллии фарҳангӣ бо унвонҳои шоиста, ордену медалҳо мукофотонида шуданд. Дар маҷлис мукофотҳои мазкурро супурданд.

Зикр ёфт, ки дар мо на танҳо ба нигоҳ доштану ғанӣ сохтани сарватҳои кишвари назаркардаи Оллоҳ — маъвои умумӣ барои ҳамаамон, балки барои таҳкими ризоияти байнимиллӣ, минбаъда ғанӣ гардондану рушди арзишҳои маънавиву маърифатии тамоми миллатҳое, ки намояндагони онҳо дар зери осмони соф ҳаёт ба сар мебаранд, кулли шароит фароҳам оварда шудааст. Гувоҳи равшани саховатқалбӣ ва эҳтироми халқи мо нисбати дигар миллатҳо дар Ӯзбекистон бомуваффақият фаъолият пеш бурдани 120 маркази миллии фарҳангӣ мебошад.

Дар маҷлис устоди мактаби рақами якуми варзиши вилояти Хоразм, намояндаи маркази миллии фарҳанги русҳо Н.Селестрова, директори Маркази байналмилалии фарҳанги ҷумҳурӣ К.Расулов ва дигарон суханронӣ карда ба Президентамон барои ғамхориаш ба намояндагони тамоми миллатҳое, ки дар мамлакатамон ҳаёт ба сар мебаранд, фароҳам овардани кулли шароит баҳри рушди фаъолияти марказҳои миллии фарҳангӣ миннатдории худро изҳор намуданд.

Баъди анҷоми маҷлиси мутантан барномаи калони консертӣ бо иштироки устодони санъати ҷумҳурият, дастаи ҳаваскорони санъат, ки дар назди марказҳои миллии фарҳангӣ фаъолият пеш мебаранд, иҷрогарони ҷавон намоиш дода шуд.

Дар маҷлис Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон З.Ҳусниддинов иштирок намуд.

**Н. УСМОНОВА,**
**мухбири ӮзА.**

✦ 27 январ – Рӯзи раъйпурсии умумихалқӣ ✦

# Раъйпурсӣ – маслиҳат бо халқ

**Ҳамватанонамон қарори Олий Маҷлисро дар бобати гузарондани 27 январи соли 2002 гузарондани раъйпурсӣ оид ба масъалаҳои интихоби парлумони дупалатагии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва тағйир додани мӯҳлати конститутсионии ваколати Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз панҷ ба ҳафт сол бо рӯҳбаландии калон қабул карданд. Қарори мазкур ҷонибдории умумихалқӣ пайдо кард.**

Дар Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ҳуқуқи иштироки шаҳрвандони мо дар идораи давлату ҷамъият тавассути гузарондани раъйпурсӣ пешбинӣ гардидааст. Аз он ҷумла, дар моддаи 9 Қонуни Асосии мамлакат чунин сатрҳо иншо гардидаанд: «Масъалаҳои ниҳоят муҳими ҳаёти ҷамъиятиву давлатӣ ба муҳокимаи халқ пешбарӣ карда, ба овоздиҳии умумихалқӣ (раъйпурсӣ) гузошта мешавад».

Корҳои калонмиқёс оиди тайёрӣ ба раъйпурсӣ-тадбири муҳими сиёсӣ мувофиқи андозаҳои байналхалқӣ ва талабҳои қонунҳо «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон», «Дар бораи Комиссияи Марказии интихоботи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» ва дигар санадҳои меъёрӣ давом доранд.

Чуноне ки аз умури матбуоти Комиссияи Марказии интихоботӣ хабар доданд, 14 ҳавзаи раъйпурсӣ дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд созмон ёфтаанд. Ба мақсади фароҳам овардани шароити ниҳоят қулай ба шаҳрвандоне, ки ҳуқуқи иштирок дар раъйпурсиро доранд, дар маҳалҳо 7810 қитъаи раъйпурсӣ ташкил ёфта, 37-тои он дар назди намояндагиҳои Ӯзбекистон дар давлатҳои хориҷӣ арзи ҳастӣ мекунанд.

Таркиби комиссияҳои ҳавзагиву қитъавии гузарондани раъйпурсӣ тадиқ гардидаанд. Бо мадади аъзоёни Комиссияи Марказии интихоботӣ дар комиссияҳои ҳавзагӣ корҳо пурҷӯшу хурӯш давом доранд. Бо иштироки аъзоёни комиссияҳои мазкур вохӯриву мулоқотҳои мухталиф ва семинарҳои амалӣ гузаронда мешаванд. Тавсиянома оид ба ташкили кори комиссияҳои қитъавии гузарондани раъйпурсӣ таҳия гардидааст. Тавсияномаҳо дар шакли рисолаи алоҳида рӯи чопро дида, ба ҳамаи ҳавзаву қитъаҳои раъйпурсӣ фиристода шудаанд.

Шумораи шаҳрвандоне, ки ҳуқуқи иштирок дар раъйпурсиро доранд, нишонии комиссияҳои ҳавзагии гузарондани раъйпурсӣ дар матбуоти ҷумҳурӣ дар мӯҳлате рӯи чопро дидаанд, ки қонун муайян кардааст. Ба рӯихати овоздиҳии шаҳрвандон зиёда аз 13 миллион ҳамватанонамон дохил карда шудаанд. Ҳоли ҳозир комиссияҳои қитъавии гузарондани раъйпурсӣ ба пешкаш кардани рӯихати овоздиҳандагон барои шиносоии умумӣ ба шаҳрвандон шурӯъ намуданд.

Дар қонун пешбинӣ гардидааст, ки барои иштирок дар ҳамаи тадбирҳо оиди тайёрӣ ва гузарондани раъйпурсӣ назоратчиён аз ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои ташаббускори шаҳрвандон, намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ, назоратчиён аз мамлакатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ ҳуқуқ доранд. Ва он, табиист, ки дар таъмини ошкорбаёнӣ ва рӯшодгӯии тайёрӣ ва гузарондани раъйпурсӣ аҳамияти калон дорад.

Дар ин бобати ҳоли ҳозир корҳо оиди таҳияи рӯихати назоратчиён аз ташкилотҳои дахлдор, гурӯҳҳои ташаббускори шаҳрвандон, ҳамчунин мамолики хориҷӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ, ба онҳо додани мандат мувофиқи тартиби муқарраргардида фаъолона давом доранд. Он низ боиси диққату эътибор аст, ки давлатҳои ИДМ, ҳамчунин мамлакатҳо, аз қабили ИМА, Олмон, Канада ва дигарон хоҳиши фиристодани назоратчиёни худро барои иштирок дар тайёрӣ ва гузарондани раъйпурсӣ баён сохтанд.

Ташкили гузарондани раъйпурсӣ бешак, амалӣ гардондани корҳои муайяни тадорукро тақозо дорад. Дар ин бобат дар ҳар як ҳавзаву қитъа корҳои доманадори амалӣ оиди ҷиҳозонидани қитъаҳои гузарондани раъйпурсӣ дар маҳалҳо, тайёркунии бино, ӯтоқ, қуттиҳо ва дигар ҷиҳозот барои овоздиҳӣ, ташкили риояи тартиби овоздиҳӣ ва умуман иштироки фаъолонаи ҳамватанонамон дар раъйпурсӣ ба анҷом мерасанд.

Бояд махсусан зикр кард: Қонун «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» бо таҳрири нав, ки дар бахши ҳуқуқӣ асос барои гузарондани ин тадбири муҳими сиёсӣ ба ҳисоб меравад, дар шакли китобчаи алоҳида бо теъдоди оммавӣ ба забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва инглисӣ чоп гардида, ба ҳамаи ҳавзаву қитъаҳо, ташкилотҳои дахлдор фиристода шуданд. Ба ҷуз ин китобчаи Раиси парлумони мамлакат Э.Халилов «Раъйпурсии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон — марҳилаи муҳими рушди давлатдории миллӣ» ҳамчунин ба забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва инглисӣ чоп карда шуд. Дар он масъалаҳои алоқаманди раъйпурсӣ муфассал тавзеҳ дода шудаанд.

Қарори Олий Маҷлис «Дар бораи гузарондани раъйпурсии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон», ҳамчунин плакатҳо оиди раъйпурсӣ тайёр гардида, ба забонҳои ӯзбекӣ, қароқалпоқӣ ва русӣ паҳн шудаанд. Бешак, фаъолияти мазкур дар тарғибу таблиғи аҳамият ва мазмуну моҳияти масъалаҳое нақши калон мебозанд, ки ба раъйпурсӣ гузошта шудаанд.

Ҳуҷҷатҳои зарурӣ — гувоҳномаҳо ба раисони комиссияҳои ҳавзагиву қитъавӣ, рӯихати шаҳрвандоне, ки овоз медиҳанд, мандат барои назоратчиёни маҳалливу хориҷӣ, бюллетени овоздиҳӣ ва ғайра тайёр гардидаанд.

Бюллетени овоздиҳӣ ба забонҳои ӯзбекӣ, қароқалпоқӣ ва русӣ тайёр шудаанд ва мувофиқи пешбиникардаи қонун ба ҳавзаву қитъаи дахлдор расонда дода мешаванд. Дар бюллетен матни масъалаҳое, ки ба раъйпурсӣ гузошта шудаанд, ҳамчунин бо шаклҳои дархостии азму иродаи овоздиҳандагон ҷойгир шудаанд.

Ба ҳамин муносибат хотиррасон карданӣ ҳастем, ки таклиф оиди созмон додани парлумони дупалатагӣ бори аввал аз тарафи сарвари мамлакатамон Ислом Каримов дар иҷлосияи дуюми Олий Маҷлис ба миён гузошта шуд. Марҳилаи кунунии дар мамлакатамон созмон додани давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти адолатноки шаҳрвандӣ дар ҳаёт татбиқ кардани ғояи ислоҳсозии парлумонро тақозо дорад. Аз ин рӯ, бесабаб дар иҷлосияи ҳафтуми Олий Маҷлис диққату эътибори асосӣ ба масъалаи ба вуҷуд овардани парлумони дупалатагӣ нигаронда нашуд. Ва он аз зарурати таҳкими минбаъдаи муассисоти давлатдории миллӣ бармеояд. Сохтори дупалатагии парлумон ба минбаъда баланд гардидани сифати ҷараёни қонунбарорӣ, таъмини мувозанати қувваҳои мухталифи ҷамъиятиву сиёсӣ ва манфиатҳои минтақаҳои ҷудогона хизмат мерасонад.

Маҳз аз рӯи зарурат масъалаи дуюм — таклиф дар бораи тағйир додани мӯҳлати конститутсионии ваколати Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз панҷ ба ҳафт сол ба миён меояд. Чуноне ки дар иҷлосияи Олий Маҷлис ба он диққату эътибори махсус нигаронда шуд, дар ин бобат сухан пеш аз ҳама дар бораи ба вуҷуд овардани низоми босамари идораи давлатие, ки новобаста аз азму иродаи шахсӣ муайян арзи ҳастӣ мекунаду рушди мӯътадилу босуръати ҷамъиятро таъмин месозад, меравад.

Раъйпурсӣ машварати умумихалқӣ, кори умумихалқист. Ҳамаи мо дар бобати амалӣ гардондани ин тадбири муҳим масъул ҳастем. Зеро қабул гардидани қарори Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар бораи гузарондани раъйпурсӣ дар бобати таҳкими минбаъдаи давлатдории миллӣ, рушди демократия ва ҳуқуқ, ба вуҷуд овардани ҷамъияти шаҳрвандӣ аҳамияти муҳим касб менамояд.

Албатта, раъйпурсӣ тадбири муҳими сиёсӣ буда, дар пойгоҳи усулиятҳои демократӣ гузаронда мешавад ва ба таҷрибаи мамлакатҳои мутараққӣ такя мекунаду бешак, самараи худро мебахшад. Имрӯзҳо халқи мо дар остонаи гузарондани ин тадбири муҳими сиёсӣ истодааст. Ва он ба зиммаи мо масъулияти калонро мегузорад ва дар айни замон таҳтидилона ба ҷо овардани қарзи шаҳрвандиамонро металабад.

**(ӮзА).**

# Маҷлиси навбатии гурӯҳи ташаббускор

***Чуноне ки маълум аст, ба муносибати 27 январи соли 2002 гузарондани овоздиҳии умумихалқӣ оиди масъалаҳои ба вуҷуд овардани парлумони дупалатагӣ ва тағйир додани мӯҳлати конститутсионии ваколати Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳои мамлакат гурӯҳи ташаббускорро оид ба расондани мадад ба тайёрӣ ва гузарондани раъйпурсии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон созмон доданд. Чунин гурӯҳҳои ташаббускор дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, тамоми вилоятҳо ва шаҳри Тошканд ташкил ёфтанд.***

17 январ маҷлиси навбатии гурӯҳи ташаббускор оиди мадад расондан ба тайёрӣ ва гузарондани раъйпурсии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба амал омада, дар он иттилооти аъзоёни гурӯҳ, ҳамчунин сардаронӣ гурӯҳҳои ташаббускори минтақавӣ дар бораи корҳои ба иҷрорасондаашон оиди тайёрӣ ба раъйпурсӣ ва тавзеҳи масъалаҳое, ки ба овоздиҳии умумихалқӣ пеш гузошта шудаанд, шунида шуд.

Дар маҷлис зикр гардид, ки гурӯҳҳои ташаббускори минтақа ба кор оиди тайёрӣ ва гузарондани раъйпурсӣ ба дараҷаи баланди ҷамъиятиву сиёсӣ, ба аҳолӣ расондани ҳамаи маводу иттилоот оиди раъйпурсӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои озодона изҳор кардани азму иродаи шаҳрвандон, таъмини ошкорбаёнӣ ва қонуният дар рафти тайёрӣ ва гузарондани раъйпурсӣ фаъолона ҳамроҳ гардиданд. Ба амалӣ гардондани ин мақсад иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳуқуқшиносони номдор, сиёсатшиносон ва дигар мутахассисон ҷалб гардидаанд. Ба шуури ҳар як шаҳрванд мазмуну моҳият ва аҳамияти масъалаҳои ба муҳокимаи умумихалқӣ гузоштташуда расонда мешавад.

Диққату эътибори асосӣ ба расондани кӯмак дар бобати дар ҷамъомади шаҳрвандон, маҳаллаҳо, қарияҳои аҳолинишини деҳот, қисмҳои ҳарбӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳо гузарондани раъйпурсӣ нигаронда шудааст.

Ҳамчунин масъалаҳои баланд бардоштани фаъолнокии гурӯҳҳои ташаббускори маҳалҳо, боз ҳам пурсамар кардани ташкили вохӯриҳо бо аҳолӣ дар маҳалҳо, ҳамаҷониба равшан кардани рафти ин корҳо дар воситаҳои ахбори оммавӣ баррасӣ гардиданд. Диққату эътибори асосӣ ба зарурати иштироки пурсамари назоратчиён аз гурӯҳҳои ташаббускор дар ҳамаи тадбирҳо оиди тайёрӣ ва гузарондани раъйпурсӣ нигаронда шуд.

# Мукофотҳо муборак!

Ба муносибати даҳсолагии созмон ёфтани Маркази байналмилалии фарҳанги ҷумҳурӣ Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов «Дар бораи мукофотонидани гурӯҳи фаъолони намояндагони марказҳои миллии фарҳангӣ» эълон гардид.

Мувофиқи он барои ҳиссаи калонашон дар таҳкими ризоияти байнимиллӣ дар мамлакатамон, тарбияи авлоди наврас дар рӯҳи ватанпарварӣ, инсонпарварӣ ва садоқатмандӣ ба ғояҳои истиқлол, комёбиҳои калонаш дар бобати созмон додану ташкили фаъолияти марказҳои миллии фарҳангӣ як гурӯҳ фаъолон бо унвонҳои шоистаи «Мураббии шоистаи ҷавонони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон», «Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» тақдир гардиданд.

Гурӯҳи дигари ҳамватанонамон барои корҳои фаъолонаашон оиди нигоҳ доштан ва рушди фарҳанги ба худ хоси миллӣ, урфу одатҳо ва анъанот, фаъолияти пурсамарашон оиди ҷонеъ гардондани талаби маънавиву маърифатии шаҳрвандон, иштироки фаъолонаашон дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо ордени «Дӯстлик» ва медали «Шӯҳрат» мукофотонида шуданд.

Дар байни онҳо мудири шӯъбаи студияи «Дӯстлик»-и Ширкати телевизиону радиои Ӯзбекистон, ҷонишини раиси Маркази миллии фарҳанги тоҷикони «Ориёно»-и шаҳри Тошканд Шарофатхон Эрматова мебошад, ки бо ордени «Дӯстлик» тақдир гардидааст.

Мо тамоми мукофотонидашудагон, аз он ҷумла Шарофатхон Эрматоваро аз номи муштариёни «Овози тоҷик» аз самими қалб муборакбод намуда, тани сиҳҳат, комёбиҳои калонро дар фаъолияти минбаъдаашон таманно дорем.

# Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой

***Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом КАРИМОВ 15 январ дар қароргоҳи Оқсарой намояндаи махсуси Нахуствазири Ҷопон, собиқ сарвари ҳукумати мамлакати мазкур Йоширо МОРИро пазируфт.***

Сарвари давлатамон ба муносибати пайдо кардани имконият ба мубодилаи афкор оид ба масъалаҳои муносибатҳои дуҷониба ва вазъи байналхалқӣ қаноатмандии худро баён кард.

— Мо шуморо ҳамчун арбоби намоёни сиёсие мешиносем, ки ҷонибдори рушди ҳамаҷонибаи ҳамкории Ҷопон бо Ӯзбекистон мебошед. Дар айёме, ки шумо ба ҳукумат сарварӣ мекардед, дар Токио намоишгоҳи Ӯзбекистон ба амал омад. Ба ин намоишгоҳ омадани шумо моро ниҳоят хурсанд кард. Мо хуб медонем, ки шумо ҳамеша ба Ӯзбекистон муносибати хуб дошта, ба он майлу шавқи калон зоҳир мекунед, — гуфт Ислом Каримов.

Ҳангоми мулоқот Й.Мори ба Президентамон мактуби Нахуствазири Ҷопонро супурд. Дар он зикр гардидааст, ки Ҳукумати Ҷопон ба минбаъда васеъ ҷонибдорӣ кардани ислоҳоти иқтисодӣ дар Ӯзбекистон тайёр аст.

Ва дарҳақиқат, ҳамкории иқтисодӣ байни Ӯзбекистон ва Ҷопон сол то сол инкишоф меёбад. Ҳаҷми умумии сармоя, ки ба иқтисодиёти мо мамлакати тулӯъи офтоб гузоштааст, аз 1,5 миллиард доллари ИМА гузаштааст. Шумораи корхонаҳое, ки дар Ӯзбекистон бо сармояи ҷопонӣ фаъолият пеш мебаранд, ба даҳ адад, шумораи намояндагиҳои фирмаву ширкатҳои номдори мамлакати мазкур дар ҷумҳуриятамон ба 17 адад расидааст. Ҳамчунин дар мамлакати мо намояндагии Оҷонсии ҳамкории байналхалқии (JICA) ва Ташкилот оид ба савдои берунаи Ҷопон (JETRO) фаъолият пеш мебаранд.

Дар рафти мулоқоти Президент бо Й.Мори ҳамчунин дигар масъалаҳои алоқаманди рушди минбаъдаи ҳамкории дуҷониба мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

❋❋❋❋❋

***Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом КАРИМОВ 17 январ дар қароргоҳи Оқсарой гурӯҳи сенаторони ИМА-ро таҳти сарпарастии Томас ДЭШЛ пазируфт.***

— Мо воқеаҳоро дар Амрико, амалиётҳои байналхалқии зиддитеррористиро бо диққату эътибори калон назора мекунем. Баъди воқеаҳои фоҷиабори 11 сентябр мо гувоҳи воқеаи ниҳоят калон гардидем. Азму иродаи қатъии амрикоиён барои бисёриҳо намунаи ибрат гардид, — гуфт ҳангоми мулоқот Ислом Каримов.

Дарҳақиқат, баъди воқеаҳои фоҷиабори сентябр халқи ИМА боз ҳам муттаҳид гардид. Фоҷиаи мазкур арбобони сиёсии нуқтаи назарашон мухталифро ба хотири мақсади ягона муттаҳид сохт. Аз он ҷумла, сенате, ки намояндагони бештари онро Ҳизби демократҳо ташкил медиҳад, эъломияеро якдилона қабул кард, ки ба Президент-республикачӣ Ҷорҷ Буш имкон дод Қувваҳои Мусаллаҳи ИМА-ро берун аз ҳудуди мамлакаташ истифода барад.

Томас Дэшл, ки аъзои кумитаи кишоварзӣ, молия, қоидаҳо ва масъалаҳои маъмурӣ мебошад, аз моҳи июни соли 2001 ба фраксияи Ҳизби демократҳо дар сенат сарварӣ мекунад. Мувофиқи қоидаҳои мақомоти олии қонунбарории ИМА, вазъияти мазкур, яъне демократҳо узви бештарини онро ташкил медиҳанд, ба ӯ ҳуқуқро оиди сарварӣ кардан ба Палатаи болоии конгресс додааст.

Ҳангоми вохӯрӣ меҳмон ба роҳбарияти Ӯзбекистон барои ҷонибдории қатъиву принсипноки ИМА дар мубориза ба муқобили терроризми байналхалқӣ миннатдорӣ баён кард.

Ҳангоми мулоқот оид ба масъалаҳои вазъу пешомадҳои ҳамкории дуҷониба мубодилаи афкор ба амал омад.

**(ӮзА).**




Аъзоёни комиссияи раъйпурсии қитъавиву ҳавзагӣ ба гузарондани раъйпурсии 27 январ тайёрии пухта мебинанд. Дар байни онҳо аҳли қитъаи рақами 647-уми раъйпурсии ноҳияи Яккасарои шаҳри Тошканд низ мебошанд.

**Дар сурат:** (аз чап ба рост) ҷонишини раиси комиссияи раъйпурсӣ **Неля БЕЛОВА** ва котиби комиссияи мазкур **Мавлуда АБДУҶАЛИЛОВА** машварат доранд.

**Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.**

# Супурдани эътиборнома

***Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар ҶМЧ Исматилло ЭРГАШЕВ, ки муштаракан вазифаи сафирро дар Муғулистон ҳам ба ҷо меоварад, эътиборномаи худро ба Президенти Муғулистон Натсагийн БАГАБАНДӢ супурд.***

Дар рафти сӯҳбате, ки баъди супурдани эътибориома ба амал омад, вазъу пешомадҳои муносибатҳои дуҷониба байни Ӯзбекистон ва Муғулистон дар соҳаҳои тиҷорату иқтисодиёт, фарҳанг, масъалаҳои таҳкими минбаъдаи заминаи шартномавиву ҳуқуқии равобит байни мамлакатҳоямон муҳокима гардиданд.

Зарурати амиқ гардондани ҳамкории дуҷониба дар мубориза ба муқобили терроризм, экстремизм ва нашъаҷаллобӣ зикр гардида, ба саъю кӯшиши мамлакати мо дар ин самт аз ҷониби сарвари Муғулистон баҳои баланд дода шуд.

**ОИ «Ҷаҳон».**

# Абдулло Субҳон

# МАҲРАМИ РОЗ

## (Аз дафтари рубоиёт)

Пирон, пирон, сафои дилҳо, пирон,
Бунёдгари олами фардо, пирон.
Ҳарчанд заифеду наҳифед ба ҷисм,
Ҳар панди шумо сутуни дунё, пирон.

❀❀❀

Пирӣ чу расид, одамӣ ночор аст,
Мӯҳтоҷи навозиш аст, кӯдаквор аст.
Шояд ки кӯҳе ба дӯши мо бор набуд,
Як пораи каҳ ба дӯши пирон бор аст.

❀❀❀

Модар, модар, рӯи ту буд нуронӣ,
Қарси сару гесӯи ту буд нуронӣ.
Хуршед будӣ, ту гӯӣ хуршеди ҳаёт.
Чун хандӣ, ҳама сӯи ту буд нуронӣ.

❀❀❀

Саҳрою даманҳои туро ёд кунам,
Бо химча заданҳои туро ёд кунам.
Бархез, падар, бори дигар пандам деҳ,
Андарзу суханҳои туро ёд кунам.

❀❀❀

Хоҳар, хоҳар, ба ҷои модар будӣ,
Таскини дили ками бародар будӣ.
Кай мурдани ту ба гӯшаи хотир буд,
Охир ту ҳанӯз нахли навбар будӣ.

❀❀❀

Ман дарди туро бо кӣ ду тақсим кунам?
Чун ин дили вайроншуда тармим кунам?
Дар шаҳр ҳама барои ман бегона,
Хуншор сарам ба зери тоқим кунам.

❀❀❀

Ай марг, басе ҷавон зи по афтондӣ,
Сар то қадами вуҷуди дил ларзондӣ.
Боке набуд аз омадану рафтани ту,
Ин бор ба ҷид чашми маро тарсондӣ.

❀❀❀

Гӯянд, ки марги бандааш амри Худост,
Паймона, ки пур шуд чӣ Ироқу чӣ Хитост.
Ин амр чу бо шоҳу гадо як сон аст,
Пас гиря чаро, нолаву фарёд чарост?

❀❀❀

Ин шом зани ҳомиларо мемонад,
Нармак - нармак қадам ба раҳ мемонад.
То рӯз шавад чӣ зояд ӯ: ғам ё завқ?
Инро на ману на ту, Худо медонад.

❀❀❀

Қасри ту баланду мошинат беҳамто,
Мағрур машав ба давлати ин дунё.
Ӯ кист, ки ҷовид дар ин даҳр бимонд,
Имрӯз аз он гадо равад, шаҳ фардо.

❀❀❀

Ай ёр, маро ба ҷуз ту як ёр набуд,
Дар мушкилу сахтиҳо мададгор набуд.
Гар давлати васли ту муяссар гаштӣ,
Дунёи дигар лозиму даркор набуд.

❀❀❀

Душман, душман, ба назди ту хорам ман,
Бесанъату хушкаму ғалаткорам ман.
Дар даҳр фақат туву ду-се кас одам.
Як маркаби ҳарзагарду беорам ман.

❀❀❀

Дар даҳр чӣ бисёр, хиёнат бисёр,
Касҳои дар ин ҷаҳон амонат бисёр.
Ангуштшуморанд азизони бананг,
Беномусу ору бедиёнат бисёр.

❀❀❀

Рӯзона дарам, ки рӯшану обод аст,
Гӯё ки сарои Хисраву Қубод аст.
Шаб лек зи турбати харобе кам нест,
Дар он на садои хандаву на дод аст.

❀❀❀

Ман дар ҳузури ҳасуд натвонам шишт,
Дар байни ғубору дуд натвонам шишт.
Ё дур шавам аз ӯ ва ё дур кунам-ш,
Лоқайд дар ин ҳудуд натвонам шишт.

❀❀❀

Бар мамлакати умр ҳуҷум овардӣ,
Шаҳдам бирабудиву зақум овардӣ.
Ай даҳр, чӣ ғоратгари нодида чизӣ,
Пайдои маро ҳама ба гум овардӣ?

❀❀❀

Бар хок равӣ, хок будӣ, хок шавӣ,
Бефарқ ба кору бори афлок шавӣ.
Ё боз кунӣ дари ҷаҳаннам, ё ин-к
Аз ҷурму гуноҳи зиндагӣ пок шавӣ.

❀❀❀

Ин даҳр агар хокӣ маро бод кунад,
Як бори дигар кинаву бедод кунад.
Кишти фараҳу завқи ҳама дӯст хароб,
Марзи дили душманонам обод кунад.

❀❀❀

Ҳастем, ки шодиву ғами олам ҳаст,
Пиндор найӣ, на шодиву на ғам ҳаст.
Пас шод бирав, шод нишин, шод бихез,
К-ин умр барои мову ту як дам аст.

❀❀❀

Дар соғари мо на он шароб аст, ки буд,
Дар майкадаҳо на он хароб аст, ки буд.
Як ринд ба гарди пои Ҳофиз нарасид,
То манзили Ҳақ на он азоб аст, ки буд.

❀❀❀

Бобои маро чаро бихонӣ бобо?
Момои маро чаро бигӯӣ момо?
Фарқ аст миёни таъриху афсона,
Афсона магӯ, ки нест кӯдак дунё.

❀❀❀

Пеш аз ману ту кори ҷаҳон чун будаст?
Н-андеш, ки авзош дигаргун будаст.
Оқил зи ҷафоҳош ҷигархун будаст,
Ҷоҳил зи карам-ш шоду мамнун будаст.

❀❀❀



Ман бода хӯрам, ба завқи дидор хӯрам,
Ё ин ки шавам ба ғам гирифтор хӯрам.
Танҳо нахӯрам гар улфати чор бувад,
Кам-кам бихӯрам, на серу бисёр хӯрам.

❀❀❀

Мошин чӣ кунам, ки мошинам пои ман аст,
Қасрам сухани баланду барҷои ман аст.
Гар қасд кунам сарою мошин ёбам,
Аммо ба кафи ҳама на дунёи ман аст.

❀❀❀

Як сӯ бификан кибру ғурурат, ай дӯст,
Бинмой ба ман рӯи бanурат, ай дӯст.
Ин кишти ғурур самар ба ҷуз кина надод,
Ободӣ кай овард кудурат, ай дӯст?

❀❀❀

Бингор, вале замонаро ранг макун,
Аз гуфтани ҳарфи талхи ҳақ нанг макун.
Ай мухбири мардуми адолатпеша,
Шаҳроҳи фарохи адлро танг макун.

❀❀❀

Ҳар рӯз ба даҳр одами нав меояд,
Бо амри худо, ҷон ба гарав меояд.
Вақте ки расид гандуму шолии умр,
Он киштнамуда бар дарав меояд.

❀❀❀

Ай Шарқ, ҷаҳони мавлуди инсонӣ,
Эҷодгари хату чаку фармонӣ.
Парвозгаҳи шеъри дусад Рӯдакӣ,
Бунёди ҳазор давлати Сомонӣ.

❀❀❀

Рози дили афгор шунуфтан ҳунар аст,
Пас дур ҳама шаб нахуфта суфтан ҳунар аст.
Гӯед, вале ҳар он чӣ мехоҳад дил,
Гуфтан ҳунар аст, ё нагуфтан ҳунар аст?

❀❀❀

Мо дар талаби рӯи банурат ҳастем,
Як бандаи муштоқу сабурат ҳастем.
Ай дӯст, магар ҳамнафаси деринем,
Худ бехаберему дар ҳузурат ҳастем?

---

Ӯткир ҲОШИМОВ,
Нависандаи халқии Ӯзбекистон

# Пули аз осмон афтода

Саргарми кор будам. Занги телефон баланд шуд. Гӯшакро бардорам, аз Иттиҳодияи нависандагон будаст:

— Ба шумо коғази пул омадагӣ. Аз қуттии почта гирифтаанд. Акаи Саид Аҳмад онро ба ман дода гуфтанд, ки ба шумо хабар диҳам.

— Чанд сӯм?

— Бисёр. Пули калон. Аз даҳ ҳазор бештар! Бовариам наомад, ходими Иттиҳодия аз ростӣ ҳам ранҷид:

— Наход, ман ба шумо дурӯғ гӯям, ака? — Мана коғазаш дар дастам!

— Хуб, хуб, пагоҳ рафта мегирам,— гуфтам, агарчи шубҳаовар буд. Ростӣ ҳам, ин қадар пул аз куҷо омаданаш мумкин?

Тақрибан, баъди ягон соат акаи Саид Аҳмад телефон намуданд:

— Пулатро гирифтӣ, бачем?

— Пагоҳ мегирам. Ин қадар пул аз куҷо омаданаш ба ақлам намеғунҷад. Ин гапи ман ба акаи Саид Аҳмад нафорид:

— Ҳамин ҳам гап шуд, ки муаммо месозӣ!? Ба доди худо шукр намекунӣ? Чи навъ сигарет кашидани маро медонӣ-а?

— Медонам: «Родопи».

— Маладес! Пулатро гирӣ, барои ман сигарет харидан аз ёдат набарояд.

— Хуб. Як блок.

— Бекор гуфтӣ?! Ду блок! Аз осмон пул афтад ҳам зихнагӣ мекунад-а. Хасис.

Устод дуруст мегӯяд, даҳ ҳазор магар пули кам аст? Шояд дар ягон ҷой китобам чоп шуда бошад? Ҳоло чӣ бисёр, нашриёт бисёр...

Бегаҳ янгаатон, гап кушод:

— Тирамоҳ ҳам шуда монд. Ба набераҳо либоси гарм нагирем, намешавад. «Даҳ ҳазор» ба ёдам омад.

— Мегирам! — дарҳол ҷавоб додам ман.

— Ба Дилишка мӯзача...

— Мехарем!

— Ба Шоҳрух палто...

— Мегирем!

— Ба Ҳумоюн...

— Мегирем!

— Кудоятон тӯй доранд. Қудою андагӣ ба худатон маълум. Кори нозук Қудо омад, Худо омад, — гуфтагӣ гапҳо ҳаст...

Тӯёна медиҳем! Панҷ-шаш ҳазор мешудагист? Янгаатон бо хавотир ба чашмонам зеҳн монд:

— Қарз мегиред?

— Чаро қарз мегирифтаам?

— Китобатон баромад? — гуфт ӯ аз ғояти хушҳолӣ.

— Ҳамин тавр барин...

Рӯзи дигар паспортро ба ҷайб андохта ба Иттиҳодия омадам. Ҳамон ходими ба ман телефон намуда, коғази пулро ба ман дод. Даҳ ҳазору нӯҳ саду ҳаштоду панҷ сӯм! Ҳамааш законӣ! Мӯҳраш низ дар ҷояш!

— «Мешӯем!» — гуфтам, ваъда дода. Мошинро рост ба «Главпочта» бирон, — гуфтам.

— Маҳкамҷон, — раҳорaҳ гуфтам ба ронанда, — хеле вақт боз ба лағмони Чақар нарафта мондем,-а?Шоввозҳо хуб пазандаанд!

— Ҳа, — гуфт ронанда.

— Имрӯз меравем! Ҷигаркабоб ҳам аз ҷигар мегирад!

...Ба дараҷаи панҷуми почта рафта, коғази пулро пур кардам. Почтачӣ коғази пулро синча карда дид, паспортро варақ зад. Баъд, аз ғалладони мизаш бандчаҳои ба ғишт мондани пулҳои панҷсумаро тақрибан понздаҳто бароварда дар зери биниам, болои пештахта қатор чинд. Сипас, бо маҳорат ба шумурдани пулҳои панҷоҳсумӣ сар кард. Вай пул мешумурду хаёли ман ба дигар тараф. Тӯёна, барои қудо-панҷ-шаш ҳазор. Барои акаи Саид Аҳмад сигарет — Ду блок. Ба Дилишка — мӯзача. Аз тагаш ғафсаш! Ба Шоҳрух — палто. Дарунаш пашмин. Ба Ҳумоюн куртача: даҳто. Ба ходими иттиҳодия арақ, ду шиша. Хориҷиаш...

— Понздаҳ сӯм доред?, — гуфт почтачӣ баъди шумурда шудани пулҳо.

— Ҳаштоду панҷ сӯмаш мондан гирад! — саховатмандона гуфтам дар ҷавоб. Рости гап, ба инҳо ҳам душвор. Рӯзи дароз пули ким — киҳоро мешумуранд. Ҳаштоду панҷ сӯм барои мо чӣ пул аст? Боз, ду панҷоҳсумии дигар ҳам медиҳам. Ба баҷаҳояш ширинӣ гирад! «Тик-так» ё ба ҳамин монандашро!

— Акнун ба қисми дигари бланка, ҳам имзо гузоред, — гуфту ба тагурӯ намудани коғазҳои қуттичаи дар як тарафи стол буда сар кард. Хеле кофт. Гашта омада, дам ба пулкоғази ман пуркардагӣ менигаристу дам ба ман. Якбора ранги рӯяш парид. Пулҳои дар пештахта чида мондаашро саросемавор аз зери бинии ман гирифта ба ҷои аввалаш тиққонд.

— Ин чист? — коғази пулро ба рӯи пештахта гузошта, пурсид вай.

— Коғази пул, — гуфтам ҳайрон шуда.

— Кай гирифтед?

— Имрӯз.

— Ин — сӯм не, сӯм — купон-ку! Мана, бинед. — Ӯ мӯҳри коғази пулро намоиш медод. Наваду чорум сол, якуми март фиристода шудагӣ. Ҳозир ин пул даҳ сӯму навад тин мешавад!

...Аз почтахона чӣ тавр баромаданамро намедонам. Баробари ба мошин даромада шиштанам Маҳкамҷон пурсид:

— Ба лағмонхӯрӣ? Пешин ҳам шуда монд.

— Ба идора! — гуфтам бозарда. — Имрӯз абед намекунем. Фардо ҳам!

Баъди пешин акаи Саид Аҳмад занг зад:

— Ба ман сигарет гирифта мондӣ? Ду блок.

— Гирифта мондам! — Фақат ду отим нос? — ғунггида гуфтам ман. Устод аз чӣ боис, қаҳқос механдид.

— Раҳмат! Ҳамин хел шуданашро медонистам. Ҳафтаи гузашта ман ҳам ба «Главпочта» рафта будам. Танҳо ман фиреб хӯрам, ту ҳам як бор аҳмақ шав гуфтам-дия, бачем! — Ӯ як лаҳза сукут карду баъд, илова намуд: хафа нашав, бачем, — аз ман ҳабдаҳ ҳазор буд!

**Аз ӯзбекӣ тарҷумаи**
**М. РАҲГУЗАР.**

---

*Ба пешвози 2500-солагии Тирмиз*

# Нашри интиқодии девони Адиб Собири Тирмизӣ

Адиб Собири Тирмизӣ аз шоирони маъруфи давраи классикии адабиёти форсу тоҷик мебошад ва ба гуфтаи яке аз муосиронаш Абдулвосеи Ҷабалӣ ба сифати «пайғамбари шоирон» шинохта шудааст. Ин шоири пайғамбармисол ва мӯъҷизасухан зодаи сарзамини бостонии Мовароуннаҳр буда, соли 1078 дар шаҳри Тирмиз ба дунё омадааст. Дар Ватани худ ба воя расида, пас аз шӯҳрати шоирӣ пайдо кардан аз ҳокими шаҳр пуштибонӣ дида ва дар мадҳи ӯ қасидаҳо эҷод кардааст.

Ҳаёти ин шоири закитабъ минбаъд дар шаҳри Нишопури Эрон ҷараён меёбад. Ӯро ҳокими шаҳри мазкур Абдулқосими Алӣ бинни Ҷаъфар ба хизмат даъват мекунад. Дар хизмати ин шахс Адиб Собир ба дараҷаи мансаби дабирӣ бардошта мешавад. Яъне ӯ ба сифати мушовири давлатӣ дар дарбор ба хизмат мепардозад. Ва дар ин лавозим Адиб Собир ба сифати сиёсатдони моҳир шинохта мешавад ва корҳои сиёсии давлатиро аз коргузорӣ то шуғли вазирӣ собитқадамона ӯҳда менамояд.

Дар гузашта ҳини хизмати шоҳон ва дарбори онҳо бо фисқу фасод, фитна ва тӯҳмату таҳқир ҳамсафар буд ва гоҳо ба ҳабсу бадарға иваз мешуд. Инак, Адиб Собирро ҳамин қисмат пеш омад ва ӯ дар хизмати ҳокими шаҳри Нишопур ба тӯҳмати ноҷоизе гирифтор шуда, муддате ба ҳабс афтод. Чанде ба бадарғагӣ ҳам дучор омада, ба кӯҳҳои дурдасти Помир фиристода шуд. Оқибат ӯ аз ин сарсонӣ ба худ омада, ба Ватан баргашт.

Боз дарбори шоҳон пеш омад ӯро. Ҳокими Давлати марказии Салҷуқиён дар шаҳри Марв-Султон Санҷар шоирро ба ҳолу ҷонаш намонда, ба хизмат даъват кард. Зеро Султон Санҷар аз сифати сиёсатмадории Адиб Собир шунида буд ва ӯро чун шоири сиёсатдон мешинохт. Ва ба ӯ бештар ҳамин лаёқати шоир лозим буд. Зеро мехост, ки дар давлати ҳамҷаворашХоразм мансаби сафорат ташкил дода, ба ҳамин васила Хоразмро ба итоати худ нигаҳ дорад. Аз ин рӯ, Султон Санҷар ҳатто тавассути мамдӯҳи нишопурии шоир-Абдулқосими Али бинни Ҷаъфар ба Адиб Собир гап фаҳмонда, ӯро ба Марв овард. Ҳамин тариқ, Адиб Собири тирмизӣ аз соли 1141 дар Марв, дар дарбори Султон Санҷар зиста, пас аз чанд моҳ ба сифати сафири Давлати марказӣ ба сарзамини Хоразм фиристода шуд. Дар Хоразм Адиб Собир барои барқарор карданидӯстӣ байни давлатҳои мухолифи салҷуқиёну хоразмшоҳиён аз сидқи дил ҳаракат кард. Дар ин шуғли ӯ натиҷаҳои чашмрас мушоҳида шуданд. Ин ду сулола муддати ҳашт соли минбаъда осоишта ва дар муҳити сулҳу салоҳ умр ба сар бурданд. Ба ҷангу хархашаҳои бемаънӣ хотима дода шуд. Ҳамаи ин ба шарофати коргузории сафир ва сиёсатдонии ӯ сурат гирифт.

Аммо Отсизи Хоразмшоҳ пинҳонӣ душмании худро нисбати Давлати Марказӣ давом медод. Азбаски ӯ дар ин ҳашт сол рӯирост муқобили Султон Санҷар амалиёт карда натавонист, фитнакории худро ниҳонӣ, аз назари сафир дур ба амал баровараданӣ шуд. Ба ҳамин мақсад ӯ ду ҷосусро фиристода, барои куштани Султон Санҷар камар баст. Ва фитнаи мазкур ба Адиб Собир маълум шуд. Ӯ расми ҷосусонро кашида, ба Марв фиристод ва Султон Санҷарро аз воқеаи нохуш бохабар сохт. Ҷосусон дастгир шуда, ба қатл расиданд. Отсиз бошад, ба Адиб Собир хашм гирифта, бар қасди ҷосусонаш дасту пои ӯро баста, ба Амударё ғарқ намуд. Ин воқеаи мудҳиш 28 ноябри соли 1147, соати чори шаб рух дод.

Қиссаи фоҷиангези шоири шаҳири мо чунин буд. Аз ӯ мероси гаронбаҳое ёдгор монд. Ин мерос аз Девони Бузурги шеърҳои лирикӣ, дафтари мунтахабот ва албоми суратҳо иборат аст. Аз ин рӯ моро нашри нави интиқодии Девони Адиб Собири Тирмизӣ ба гуфтани ин чанд сатр водор намуд. Омодагари нашри мазкур, тадқиқотгари моҳири эҷодиёти шоир, доктори илмҳои филология, профессор Аҳмад Абдуллоев мебошад. Девони мазкур бо таҳия ва танзими ӯ ба қарибӣ тавассути Нашриёти «Ал-Худо»-и Эрон дар Теҳрон рӯи чопро дид. Вай нашри мукаммали ашъори Адиб Собир буда, тақрибан 126 қасида, 7 таркиббанд, 67 ғазал, 162 қитъа ва 88 рубоиро фаро гирифтааст ва аз 8045 байт иборат аст. Китоб бо ду муқаддимаи муаллиф ва муқаддимаи корманди Сафоратхонаи Эрон дар Ӯзбекистон Худоёри Иброҳим оро ёфтааст. Дар он феҳристи аълом, амокин ва номҳо ҳам дода шудаанд.

Дар ин нашри Девони Адиб Собир мураттиб ҳашт нусхаи девони шоир, маҷмӯи зиёди баёзу ҷунгҳо ва тазкираҳоро истифода намудааст. Нусхаҳои истифодашудаи дастнависи чопии Девони Адиб Собир аз китобхонаҳои Англия (ду нусха: яке аз осорхонаи Британиё, дигаре аз китобхонаи Индиа Оффист Лондон), Озарбойҷон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Эрон гирифта шудаанд. Нусхаҳои мазкур байни ҳам муқоиса гардида, матни саҳеҳ ва тозаи онҳо интихоб шуда, пас он матн ба шакли илмӣ-интиқодӣ фароҳам оварда ва ба дасти чоп дода шудаанд. Ин меҳнати тоқатфарсо ва дар айни замон муҳимро Аҳмад Абдуллоев муддати дурудароз ва дар тӯли солиёни зиёд ба анҷом додааст. Ва аз ин рӯ заҳмати ӯ тақдиршаванда ва арзиши бузургро дорад.

Гуфтан лозим аст, ки осори лирикии Адиб Собир то даврaи мо пурра боқӣ намондааст. Аслан Девони ӯ зиёда аз 15 ҳазор байт дошта ва ин нусхаи мукаммал дар истилои муғул нобуд шудааст. Нусхаҳои пас аз садаи XIУ боқимонда ҳамагӣ мухтасар, ноқис ва мунтахаб ҳастанд. Ва ҳамин нусхаҳо ҳам то даврони мо хеле кам омада расидаанд ва дар китобхонаҳои дунё ягон-ягон пайдо мешаванд. Дар пойгоҳи як қисми ин нусхаҳо соли 1952 дар Эрон Девони Адиб Собир бо кӯшиши Алии Қавим чоп шуд. Соли 1960 бо кӯшиши Муҳаммадалии Носеҳ низ дар Эрон Девони Адиб Собир нашри нав дид. Аммо ҳардуи он аз лиҳози интиқодӣ ба камбудиҳои ҷиддӣ ҳамсафар шудаанд ва дар онҳо шеърҳои ками шоир аз 5 то 6 ҳазор байт гирд оварда шуда, нусхаҳои мукаммали Англия истифода нагардидаанд.

Аз ин лиҳоз А.Абдуллоев ба омӯзиши интиқодии шеърҳои Адиб Собир ба тозагӣ пардохта ва то ҳол онҳоро се маротиба ба ҳуруфи кириллӣ ва як маротиба ба ҳуруфи форсӣ дар шаҳри Душанбе ба чоп расонд. Аз рӯи ин чопҳо тарҷумаи ӯзбекии ашъори Адиб Собир ҳам эълон гардид. Аммо ҳамаи ин корҳо шуғли муқаддимавии А.Абдуллоев ҳисоб шуданд. Вай паи нашри мукаммал ва ҳамҷиҳатаи ашъори шоир шуд ва барои иҷрои ин кор нусхаҳои қадимӣ ва ноёбу нодири Девони Адиб Собирро дастрас намуда, дар асоси матни онҳо осори интиқодии ин шоирро, чуноне ки ишора кардем, дар ҳаҷми 8045 байт мунташир сохтааст, ки ин кори ниҳоят пурарзиш ва бахайре буда, аҳамияти бузурги текстологӣ ва илмӣ дорад.

Бояд қайд кард, ки осори лирикии Адиб Собир аз ҷиҳати мавзӯъ, ғоя, мундариҷа ва бадеият қимати калоне дорад ва



дар пешрафти анъанаҳои иҷтимоиву эстетикии халқ нақши муҳиме бозидааст. Аз ин ҷиҳат ҳаводорони эҷодиёти Адиб Собир барои тадқиқу таҳияи асари ӯ пайваста кӯшида, барои маълум сохтани арзиши ғоявию бадеии он саҳм гирифтаанд. Профессор Аҳмад Абдуллоев дар ин миён хизмати алоҳида дорад. Вай бахшида ба ҳаёту фаъолияти ин шоири накӯном мақолаҳои зиёд ва монография, инчунин очерки адабию бадей навиштааст. Дар ҳамаи ин навиштаҳо таҳлилу тадқиқи ашъори Адиб Собир вусъат гирифта, аҳамияти арзандаи онҳо барои хонандагони муосир нишон дода шудааст.

Адиб Собир замонаи худро «бадаҳду ноустувор ва ба табъи ҷаҳониён носозгор» мебинад. Аз ин рӯ, вай чунин замонаро чашми дидан надорад ва онро танқид мекунад. Бо танқиду маломат ӯ ҷаҳонро ба роҳи рост ва некаҳдӣ роҳнамун кардан мехост. Инак, домани фалакро дошта, ба ӯ хитоб менамояд.

*Фалак бадаҳду бас ноустувор аст,*
*Ҳама кори ҷаҳон нопойдор аст.*
*Ҳавое дораду обе замона,*
*Ки бо табъи ҷаҳон носозгор аст.*

Гузашта аз фалаку замона Адиб Собир аҳли зиёкору давлатманд, яъне феодалону соҳибони мансабу тоҷро мазаммат менамояд. Ба фикри ӯ, аз нобаробарии ҷамъият пеш аз ҳама халқ зарар мебинад. Бинобар ин бо халқ бояд буд ва ба тарафдории он мебояд бархост. Аммо мансабдорон бошанд, парвои халқи бенаво надоранд. Хусусан, онҳо аз ҳоли ятимону беваву бечорагон умуман хабар надоранд, балки ризқу рӯзиашон аз ҳисоби ин мардуми бенаво мебошад. Яъне феодалон бо ғорату озори халқ машғуланд ва аз ин рӯ, онҳо золимонанд ва зулми онҳо оқибат сари худашонро хоҳад хӯрд. Ҳамин тариқ Адиб Собир рӯзгори садаи XII-ро бо зулму фитна оғӯшта мебинад, он муҳитро золимони «моли мардумхӯр» носолим сохтаанд ва онҳо ҳар кори ношоистаи худро дар ниқоби мусалмонӣ анҷом медиҳанд. Аз ин ҷиҳат, онҳо мусалмон нестанд ва ба мусалмонӣ футур овардаанд. Ин аст ки шоир ин табақаи золимро сахт танқид мекунад ва онҳоро аз ҷамъият маҳдуд дидан мехоҳад ва бо садои баланд хитоб мекунад:

*Хуш ҳамехандӣ ҳеҷ бок мадор,*
*Ки зи зулми ту халқ гирён аст.*
*Баррабирён кунӣ зи моли ятим,*
*Он барра нест, хуки бирён аст.*
*Ҳама корат хӯр асту осоиш,*
*Бихӯр осон, ки хӯрдан осон аст...*
*Гар ба наздики худ мусалмонӣ,*
*Ин на расму раҳи мусалмон аст?!*

Адиб Собир дар партави танқиди замонаи бадаҳд ва золимони номусалмон ақидаҳои пандомӯзонаи худро баён намуда, ба тарбияи аҳли ҷамъият мекӯшад. Вай зидди бадию бадкорӣ буда, некию накӯкориро тарғибу ташвиқ мекунад. Ба ақидаи ӯ бадӣ кори инсони оқил нест, хусусан дар ҳаққи мардум бадӣ кардан аломати ҷоҳилӣ ва пастӣ мебошад. Агар хоҳӣ, ки дар ҷаҳон номвар бошию шӯҳрат ёбӣ, бояд некӣ кунӣ ва фақат бо халқ бошӣ. Адиб Собир ғояи халқпарвариро дар ғояи некӣ мебинад ва аз ин лиҳоз бадиро мазаммат карда, онро барои инсон амали ношоиста ва номатлуб мепиндорад ва мегӯяд:

*Бигардон рӯйи дил аз фикрати бад,*
*Ки бад кардан на кори бихрадон аст.*
*Бадӣ андеша кардан дар ҳақи халқ,*
*Бадии кори ту дар вай ниҳон аст.*
*Касе, к-ӯ некӣ андешад ба ҳар кас,*
*Ба некӣ дар ҷаҳон соҳибқирон аст.*
*Бирав некӣ куну аз бад бупарҳез,*
*Ки бад кардан на кори зиракон аст.*

Лирикаи Адиб Собир пур аз ин навъ фикрҳои аҳлоқиву адабӣ ва танқидии муҳити носолими садаи XII мебошад. Аксари онҳо дар рисолаи ба ҳаёти ин шоир бахшидашудаи профессор Аҳмад Абдуллоев баррасӣ ва таҳлил шудаанд. Мо дар ин китобиёт бо ҳамин қадар маълумот кифоя карда, таъкид мекунем, ки Адиб Собир шоири сиришта накӯному неккирдор буда, бадӣ, мунофиқӣ, зулм ва ҷаҳони бадаҳдро чашми дидан надоштааст. Ба ҷои онҳо некӣ, хубӣ, адолат, аҳду паймон, дурусткорӣ, вафодориро тарғиб менамояд ва тамоми эҳтиёҷи худро ба рӯҳияи халқпарварӣ, ватандӯстӣ ва демократия бахшидааст.

Дар матни омодасохтаи А.Абдуллоев нуқтаи муҳим зикри табодулоти матнӣ, яъне вариантнокии нусхаҳо мебошад. Тамоми шеърҳои 400 саҳифаи китоб ба ҳам қиёс гардида, варианти матнии ҳар кадом нусхаҳо дар зери варақҳо, яъне дар поварақ ҷой дода шудаанд. Матн аз лиҳози текстологӣ ва мувофиқати қоидаҳои мутолиби он таҳия ва тасҳеҳ гардидааст. Нусхаҳои тозаю боварибахши онҳо бошад, дар мавқеи худ дарҷ гардида, боқимонда дар зернавишт ҷобаҷо шудаанд. Яъне мо аз матни ин китоб бо матни ҳаштнусхаи девон ва шеърҳои мавҷудаи баёзу ҷунгҳо пурра шинос мешавем. Ин ҳам хизмати амалӣ ва бебаҳои ношири мӯҳтарами Девони Адиб Собири Тирмизӣ профессор А.Абдуллоев мебошад.

Дар охир ҳаминро қайд мекунем, ки нашри нави интиқодии Девони Адиб Собир-ин шоири чирадасти ватандӯст ва халқпарвар бори аввал ба ҳамин шакли матлуб гузориш гардид ва тӯҳфаи муносиб ба 2500-солагии Тирмизшаҳр мебошад. Ноширони эронӣ онро бо камоли эҳтиром қабул карда, дар муддати кӯтоҳе бо муқоваҳои нақшдори базеб ва расмҳо чоп намудаанд. Теъдоди китоб 2000 нусха буда, нархи он он қадар гарон нест. Боз як бори дигар устод Аҳмад Абдуллоевро бо ин хизмати бошарафона табрику муборакбод мекунем ва ба корҳои минбаъдааш бурдбориҳоро таманно дорем.

**Қудрат ҶӮРАЕВ,**
**доктори илмҳои филология, профессор.**

